Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод гардидааст (Душанбе, 2024)

Мавзуи таҳқиқотии унвонҷӯро яке аз масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалии ҳуқуқи андоз – танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар шароити рушди маъмурикунонии андоз пажӯҳиши мавзуи мазкур муҳим мебошад. Андоз яке аз даромадҳои асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, на танҳо барои пур кардан ва ғанӣ гардонидани буҷетҳои дахлдори давлатӣ, балки ба инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, алалхусус таъмини амнияти миллии кишвар таъсири назаррас мерасонад.

Ҳангоми таҳлили автореферати рисолаи илмӣ маълум гардид, ки сохтори он ба талаботи дахлдор ҷавобгӯ мебошад. Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот, инчунин, феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат буда, бо ҳуқуқи дастнавис пешниҳод гардидааст.

Зимни пажӯҳиш унвонҷӯ тавонистааст ба умқи масъала ворид гардида, нуктаҳои муҳим ва нозуки онро пурра, ҳамаҷониба ва олимона баррасӣ намояд. Пажӯҳишгар дар таҳқиқоти илмии худ Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, муайян намудааст, ки дар амалия ҳангоми татбиқи баъзе моддаҳои он камбудиҳо дида мешаванд ва ин ҳолат метавонад дар байни шахсони мансабдори мақомоти андоз, андозсупорандагон ва дигар шахсони ваколатдор баҳсҳоро ба вуҷуд орад. Таҳлили шакли нави назорати андоз, мониторинги андоз, ки муаллиф дар заминаи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мавриди таҳқиқ қарор додааст, дурнамои беҳтар намудани ҳамкории мақомоти андоз ва андозсупорандагонро мекушояд.

Муаллиф ҳангоми пажӯҳиши илмӣ як қатор камбудиҳоро ошкор намудааст, ки сабабашро дар набудани истилоҳоти дурусти марбут ба мавзуи баррасишаванда ва ҷой надоштани меъёри танзимкунандаи соҳа мебинад. Барои ҳамаҷониба таҳлил намудани мавзуи рисола муҳаққиқ ба адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ рӯ оварда, аз онҳо фарох истифода намуда, тавассути иқтибос онҳоро нишон додааст. Ҳангоми омода намудани рисола диққати бештар ба осори олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба монанди А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш. Сангинов, Ш.М. Исмоилов, С.И. Иброҳимов, Ҷ.Ю. Рустамзода, Ф.М. Расулов, Ҷ.С. Муртазозода, С.П. Ҳаитов, Е.Ю. Грачёва, О.Н. Горбунова, И.Б. Лагутин, Н.И. Химичева, Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова, Т.В. Конюхова, А.А. Ялбулганов, А.С. Селиванов равона гардидааст, ки муфид арзёбӣ мегардад.

Дар раванди кор муҳаққиқ барои таҳлили ҳамаҷонибаи масъала аз усулҳои диалектикӣ, таҳлилӣ, низомнок, синтез, индуксия ва дедуксия, усули мантиқӣ ва хулосабарорӣ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ истифода намудааст, ки дар маҷмуъ, истифодаи онҳо ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаҳои устувори илмӣ мусоидат намудаанд.

Пажӯҳиши мазкур яке аз аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотии илмӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар раванди кор ва дар ҷараёни омӯзиши назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амиқтар фурӯ рафтан ба назария ва амалияи соҳа ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ин рӯ, нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии назорати андоз аҳаммияти хоса ва беназир доранд. Онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати рисола баъзе ҳолатҳои баҳснок ҷой доранд, ки зимни ҳимояи ошкоро аз муаллиф тавзеҳ ва маънидоди иловагиро металабанд. Аз ҷумла дар нуктаи илмӣ-назариявии 5-ум, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф ҳуқуқҳои андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадорро дар рафти амалӣ намудани назорати камералӣ ва мониторинги андоз ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: а) ҳуқуқҳое, ки бевосита ба пардохти андозҳо алоқаманданд; б) ҳуқуқҳое, ки ба татбиқи назорати андоз паҳн мегардад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки зимни ҳимояи ошкоро таснифоти мазкурро васеътар шарҳ диҳад. Оё ин таснифоти мутлақ аст ё ин ки

дигар навъҳои таснифоти ҳуқуқҳои андозсупорандагон низ вуҷуд дорад? Таснифи ҳуқуқҳои андозсупорандагон, ки унвонҷӯ пешниҳод кардааст, аҳаммияти амалӣ дорад ё ин ки назариявӣ?

Масъала ва саволи гузошташуда баҳснок буда, ба мазмуну моҳияти рисола таъсири назаррас надорад ва арзиши илмии пажӯҳишро кам намесозад.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Далер Раҳматулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пажӯҳиши илмии комил ба ҳисоб рафта, ба талаботи ба рисолаҳои номзадӣ пешбиникардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ.

Имзои Саъдизода Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

«11» марта с. 2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17,
**тел.:** (+992-37) 221-77-11, **факс:** (+992-37) 221-48-84,
**e-mail:** tgnu@mail.tj, tnu.int.re@gmail.com